## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим" фарогири яке аз масъалаҳои умдатарини педагогикаи муосир - рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва нақши татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар ин раванд мебошад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ - рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим дар марҳилаи имрӯза мақоми хоссаро дорад. Вобаста ба ин раванд омӯзгори синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки навовару эҷодкор ва дорои қобилияти баланди педагогӣ бошад. Барои рушди тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон бояд тамоми дониш, маҳорат ва малакаи касбиро дар ин самт равона намоянд.

Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки фаъолият дар раванди дарс ҷолибтар ва муфидтар гардад. Ба хонандагон хулосаҳои тайёр дода намешавад, ки онҳоро аз худ кунанд, балки маҳорати мустақилона кор кардан бо манбаъҳои иттилоотӣ омӯзонида шуда, барои азхудкунии дониш мусоидат карда мешавад. Инчунин, технологияи мазкур диққати хонандагонро ба ҳалли муаммо ва дарёфти роҳҳои онҳо равона мекунад. Таваҷҷуҳ асосан ба хонанда дода мешавад, на ба мавзуи омӯхташаванда.

Бинобар ин яке аз технологияҳои муосире, ки имрӯз аҳаммият дорад, ташаккули тафаккури интиқодӣ мебошад, ки он салоҳияти робита, қобилияти дарёфт ва таҳлили иттилоотро инкишоф медиҳад, ба таври объективӣ ва гуногунҷабаъ фикр карданро меомӯзонад.

Дар робита бо ин диссертант Ҷӯраева М.У. мавзуи илмӣ- таҳқиқотии худро атрофи масъалаи рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муайянсозии нақши татбиқи шароитҳои педагогии технологияҳои фаъоли таълим дар ин раванд интихоб намуда, дар давраҳои таҳқиқот мутобиқ ба тақшаи корӣ фаъолият намудааст.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима дараҷаи коркарди илмии мавзуъ таъкид гардида, мубрамияту аҳамияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон" дар заминаи таҳқиқи адабиёти илмию методӣ ва психологӣ – педагогӣ масъалаҳои марбути рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва татбиқи технологияҳои фаъоли таълим чун омили рушди фаъолияти маърифатӣ ва нақши онҳо дар ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтанд.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ "Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим" нақши усулҳои фаъоли таълим дар баланд гардидани самаранокии тадрис ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, хусусиятҳои педагогии амалисозии амсилаи рушди тафаккури интиқодии хонандагон тавассути татбиқи технологияҳои фаъоли таълим асоснок карда шудааст. Бояд зикр кард, ки дар асоси имконият ва роҳҳои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ аз тарафи муҳаққиқ Ҷӯраева М.У. амсилаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути технологияҳои фаъоли таълим коркард шудааст, ки истифодаи он метавонад ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кӯмаки амалӣ-методӣ расонад.

Дар раванди пешбурди кори илмӣ- таҳқиқотӣ диссертант Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна худро аз нигоҳи мусбиву масъулиятшиносӣ

муаррифӣ намуда, супоришҳои ба ӯҳда доштаашро сари вақт ва бо сифат иҷро менамуд. Дар ӯ хусусиятҳои иҷрои мустақилонаву муносибати эҷодкорона ба фаъолияти меҳнатӣ ва пеш бурдани кори илмӣ мушоҳида гардида, зимни иҷрои нақшаи коркарди рисолаи илмӣ аз роҳу усул ва шаклҳои мухталифи таҳқиқу пажӯҳиши илмӣ самараноку бомаврид истифода менамуд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионии Ҷӯраева М. У. дар қисмати хулосавии кор ба таври мухтасар дар 11 банд ва қисмати "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот" дар 9 банд дарҷ гардидаанд, ки пояи баланди илмӣ – методӣ дошта, истифодаи онҳо метавонад боиси беҳтар гардидани шароитҳои педагогии омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури интиқодӣ ва истифодаи моделҳои технологияҳои педагогии рушди тафаккури интиқодӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим дар асоси ягонагӣ, мутобиқати маърифатӣ, ягонагии шахсият ва фаъолият, мукаммалӣ, ягонагии фаъолияти дохилӣ ва берунӣ гардад.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим" мутобиқ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳия гардида, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ қавист. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои илмиву методӣ ва хулосаҳои диссертант бо далелу санадҳои эътимодноку боварибахш асоснок карда шудаанд. Он таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, бо забони сода, фосеҳу равон ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ иншо гардида, аз нигоҳи мавод низ ғанӣ мебошад.

Диссертатсия дар асоси талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ", ки аз тарафи КОА муқаррар шудааст, ҷавобгӯй аст. Бинобар ин рисолаи илмии

номбурда барои муҳокима ва дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.

Хулоса бояд қайд кард, ки Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров Раҳмонов Зикриё Пӯлотович

18.02.2025.

*Имзои З.П. Раҳмоновро тасдиқ мекунам.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1.
E-mail: rayosati_kadr@mail.ru, тел.: (+992-3422) 6-52-73